Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 – и назди Академияи ВКД ҶТ

# ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи илмии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Дар соҳаи криминалистика коркарди принсипҳои назариявии ташкили тафтишот ва унсурҳои гуногуни он идома дорад. Бо дарназардошти ин, дар бораи мафҳуми консепсияи ташкили тафтишот ва мазмуни қисмҳои асосии ин чараён олимони соҳа фикру мулоҳизаҳои гуногун баён карданд. Дар ин самт зарурати амалии таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба муайян ва мушаххас кардани ҳолатҳои дар парванда муқарраршуда, бозгӯй намудани низоми ҳадафҳои тафтишот, ҳамкории муфаттиш бо кормандони оперативӣ ва дигар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва иштирокчиёни дигари парванда ба миён меояд, ки ҳалли онҳо ба ташакули низоми коргузории кормандони ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамояд.

Вазифаи муҳими тафтиши ҷиноятҳо ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо дар доираи пешбурди амалҳои тафтишии пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Дар робита ба ин, мубрамияти махсусро масъалаи зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мукаммалсозии асосҳои тактикӣ ва методии тафтишот касб менамояд. Беҳтар намудани тактикаи амалҳои алоҳидаи тафтишӣ ба рафти тафтишот, алалхусус, ба дастрас намудани ҳаҷми бештари маълумоти исботнамоӣ (далелҳо) таъсири мусбат расонида метавонад.

Тарзи нави ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо, ки дар охири солҳои 50-уми асри XX ба миён омад ва санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ном гирифт, ҳанӯз дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва илми криминалистика танзими дақиқ ва пурраро пайдо накардааст.

Бо вуҷуди ин, тарзи зикршудаи ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо дар таҷрибаи тафтишӣ васеъ паҳн шудааст ва ҳангоми тафтиши одамкушӣ, таҷовуз ба номус, дуздӣ, роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳо ба таври самаранок истифода бурда мешавад.

Тавре аз диссертатсия мушоҳида мегардад, дар шароитҳои муосири тафтишот, тавре таҷрибаи тафтишӣ шаҳодат медиҳад, тактикаи санҷиши нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршаванда вобаста ба ҷинояти одамкушӣ табиати равшан дорад, ки бо назардошти маҷмуи мураккаби омилҳои мухталиф (иттилоотӣ, мурофиавӣ, ташкилӣ, психологӣ ва ғ.) муайян карда мешавад. Ба сифати омили махсусе, ки ба вазъияти санҷиши нишондоди онҳо таъсири манфӣ мерасонад, муқовимати гумонбаршавандагон ва айбдоршавандагон ё дигар шахсони бо онҳо алоқаманд ба рафти муътадили тафтишот мебошад. Бинобар ин, санҷиши нишондоди гумонбаршуда ва айбдоршаванда вобаста ба ҷинояти одамкушӣ дар вазъияти муқовимат ба он ва тафтишот дар маҷмуъ, аз лиҳози психологӣ бениҳоят мушкил мебошад ва мувофиқан на танҳо истифодаи омиронаи тавсияҳои тактикии мавҷуда, балки инчунин, маҷмуи воситаҳо ва тарзҳои нави тактикӣ, инчунин, воситаҳои криминалистии муосири дигарро талаб менамояд, ки барои аз тарафи муфаттиш ошкор намудани худсарбонӣ, алибаи ҳилагарона дурусткардаи ҷинояткорон ва дигар нишондоди бардурӯғ дар хусуси ҳолатҳои кирдорҳои одамкушӣ ва шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, зарур мебошанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола баъзе норасогиҳо ба чашм мерасанд. Махсусан муаллифи рисола зикр мекунад, ки «дар ҷараёни санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса аз рӯйи парвандаҳо оид ба одамкушӣ ногаҳон зарурати манъ (қатъ) намудани ин амали тафтишӣ ва бетаъхир

гузаронидани амали тафтишии дигар (масалан, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, кофтуков ва ёфта гирифтан) ба миён меояд. Дар ин сурат муайян кардан зарур аст, ки оё якҷоя намудани баамалбаронии дигар ҳаракатҳои тафтишӣ бидуни ҷудо гардидан аз гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса имконпазир мебошад. Чунин мешуморем, ки дар ҳолати ба миён омадани зарурати гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, кофтуков ва ёфта гирифтан қарор дар бораи манъ (қатъ) кардани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса бояд ба таври инфиродӣ ҳал гардад ва бо назардошти марҳилаҳои амали тафтишии аҷомшаванда қабул карда шавад». Ин нуқтаи илмии пешниҳод шуда мубоҳисави буда асоснокунии иловагиро талаб мекунад.

Албата ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта ба мазмуни авторефератро коҳиш намедиҳад.

Автореферати рисолаи диссертатсионӣ Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Раупова М.Т.**

**Имзои Раупова М.Т.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғаюров Ф.З.**

29.04.2024

**Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,**
**тел/факс: (992 37) 224-17-86, 228-92-20,**
**Email: info@apa.tj, https://www.apa.tj**